**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба авторефирати диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир сохтмонҳои таъиноти манзилӣ ва маъмурию хусусӣ рӯ ба афзоиш ниҳода истодааст, ки ҳолати мазкур бозгӯи зарурати ташаккул додани хизматрасонии коммуналӣ мебошад.

Хизматрасонии коммуналӣ – ин пешниҳоди хизматрасонии таъмини оби гарм, таъмини оби хунук, рафъи обҳои партов, барқтаъминкунӣ, газтаъминкунӣ ва гармидиҳӣ мебошад. Боиси қайд аст, ки чунин намудҳои хизматрасонӣ шароитҳои бароҳати зисти шаҳрвандонро дар манзилҳои истиқоматӣ таъмин менамоянд.

Агар хизматрасонии обтаъминкунӣ дар хоҷагидории манзилӣ-коммуналӣ хизматрасонӣ ва таъмири иншоотҳои обгирӣ, стансияҳои насосӣ, иншоотҳои тозакунанда ва шабакаҳои муҳандисиро дар бар гирад, пас истифодаи шабакаҳои дохилибиноӣ тибқи шартномаи субпудрат байни корхонаи таъмирӣ-эксплуататсионӣ (манзилӣ-эксплуататсионӣ) ва корхонаҳои дахлдори хоҷагидорӣ коммуналӣ ба амал бароварда мешавад: корхонаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ,

барқтаъминкунанда, гармитаъминкунанда, газтаъминкунанда. Дар ин ҳолат, барои сифати шабакаҳои канализатсионӣ таъминкунии истеъмолкунанда бо об, нерӯи барқ, нерӯи гармӣ ва газ корхонаҳои хоҷагидории коммуналӣ ҷавобгар мебошанд.

Хизматрасонии аз ҷониби корхонаҳои соҳаи хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ пешниҳодшаванда метавонад дар намуди ҳомили моддӣ (нерӯи барқ ва гармӣ, об ва ғ.), инчунин дар намуди кор дар объект (хизматрасонии биноҳои манзилӣ, тозакунии санитарӣ ва ғ.) сурат гирад. Ҳамин тариқ, барои хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ мансубият ба гурӯҳи таъминоти ҳаёт, аҳамияти баланди иҷтимоӣ хос мебошанд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, хизматрасонии коммуналӣ – ин намуди махсуси хизматрасонӣ, ки аз ҷониби корхонаҳои тахассусии эҳтиёҷоти хоҷагидорӣ-маишии ташкилотҳо ва шаҳрвандонро таъминкунанда амалӣ гардонида мешавад.

Одатан таҳти хизматрасонӣ амале фаҳмида мешавад, ки баҳри қонеъгардонии эҳтиёҷот, талаботи ягон шахс, дар сурати хизматрасонии мушаххас иҷро мешавад. Хизматрасонӣ метавонад, инчунин ҳамчун намуди махсуси фаъолият баррасӣ шавад, ки натиҷаҳои он ягон талаботҳои одамонро қонеъ мегардонанд.

Дар баробари ин ҳоло дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ то ҳол мушкилотҳо дар бахшҳои танзими ҳуқуқӣ, идоракунӣ ва рушди ғояҳои илмӣ муаммоҳои силсилавӣ ҷой доранд. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Атаев А.С мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ фаро гирифта, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо дар сатҳи дахлдор иҷро намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале новобаста ба ин, баъзе масъалаҳое дар ин самт ҳамоно боқӣ мондаанд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд.

1. Дар саҳифаи 26 автореферати диссертатсия муаллиф андешаҳои худро вобаста ба заминаҳои ҳуқуқии рушди бахши энергетикӣ андешарони менамояд, дар баробари ин бояд фикри худро то ба охир дарҷ менамуд. Нисбат ба масъалаи мазкур оиди равшан гардидани масъалаи бардошташуда аз муаллиф пурсида мешавад, ки дар ҳимояи ошкорои диссертатсия андешаҳояшро мустаҳкам намояд.

2. Хулосаи 6 аз ҷониби диссертант пешниҳодгардида, ки дар саҳифаи 27 автореферати диссертатсия ҷойгир аст нопурра буда моҳияти хулосавиро доро намебошад ва ё дар матн ба тарзи пурра ҷойгир карда нашудааст.

Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Мазмун ва муҳтавои автореферати диссертатсия ба «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент декани факултети ҳуқуқшиносии,
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдиев И.З.

Имзои И.З. Саъдиев-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.
01.04.2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, шаҳри Душанбе, к. Саид Носир 33,
Тел.: +992 (37) 224-17-86
Факс: (37) 224-17-86
E.mail: info@apa.tj